# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин** дар мавзуи "Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

Солҳои охир таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун низоми нави муттасил мавқеъ ва мақоми худро дарёфтаву устувор мегардад. Хусусияти хоси таҳсилро соҳиб будани он ва беш аз пеш пойдор шудани заминаҳои таҳсилоти фосилавӣ чанд омил ва сабаб дорад. Аз ҷумла, шавқу завқи зиёди таҳсилкунандагоне, ки бино бар имкониятҳои молиявӣ ва дурии марзу бум имкони таҳсили мустақимро надоранд. Сабаби асосии дигар - мушкилоти рафту омад, рушди иқтисоди бозоргонӣ ва гарон будани харҷи роҳ, манзил, муттамарказшавии марказҳои илмӣ-техникӣ дар шаҳрҳои калон, ташаккул ёфтани талаботи нави аҳолии Тоҷикистон ба таҳсилот ва маълумоти олӣ ва амсоли он.

Чуноне ки муаллифи рисола изҳор медорад, дар Тоҷикистон муҳиммияти ин шаклу усули таҳсилро ба инобат гирифта қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.01.2017 оид ба татбиқи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба имзо расид. Алъон таҳсилоти фосилавӣ суръат мегирад ва дар ин самт корҳои муайяни таҳқиқотӣ, мустаҳкамкунии базаи моддӣ-техникии мактабҳои олӣ, ки дар заминаи онҳо таҳсили фосилавӣ ҷараён дорад, рушд мегирад.

Мақсади таҳқиқот мушаххас буда, он аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани сохтор ва талаботи таҳсилоти фосилавӣ, ошкор сохтани бартарии он дар ташаккули фаъолияти мақсадноки таълимгирандагонро дар бар мегирад.

Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсиониро муаллиф дар ҳалли чунин вазифаҳо зарур мешуморад:

1) ошкор намудани анъанаҳои рушди таҳсилоти муосир, ки барои роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ аҳамиятнок мебошанд;

2) дар асоси таҳлили низомӣ-ахборотӣ муайян намудани тақсимоти захираҳои маърифатии Тоҷикистон;

3) муайян намудани шакл ва методҳои таълим, ки истифодаи дурусти он ташаккули маърифатӣ ва шахсияти донишҷӯро таъмин менамояд;

4) ошкор сохтани шароитҳои педагогӣ, ки риояи он таъминкунандаи самаранокии таҳсилоти фосилавӣ мебошад;

5) коркарди тавсияҳо баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилоти фосилавӣ ва омодагии мутахассисони соҳибкасб.

Шиносоӣ бо муҳтавои автореферат собит месозад, ки дар рисола моҳият ва сохтори мафҳуми «таълими фосилавӣ», таҳияи меъёр ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи он мушаххас гардонида шудаанд; самтҳои асосӣ, талабот ва шароитҳои педагогии ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён дар шароити таълими анъанавӣ ва фосилавӣ муайян гардида, технология ва усулҳои нави шаклҳои фосилавии раванди таълим дар доираи омодасозии таълимгирандагон аз рӯи фанҳои равияи табиию риёзӣ таҳия ва барои татбиқи амалӣ пешниҳод карда шудааст.

Бешубҳа, натиҷаҳои ба даст омада дар таҳқиқи масъалаи мавриди назар қарорёфта ҳамчун сарчашмаи назариявӣ хидмат карда, мавқеи таҳсилоти фосилавиро дар омӯзиши фанҳои риёзӣ-табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар заминаи назариявӣ-методологии татбиқи роҳу усули ҷадиди таҳсилот ва ҳамчун омили боэътимод арзёбӣ мекунад.

Шиносоӣ бо диссертатсия собит мекунад, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳия ва такмили барномаҳо ва курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омода намудани воситаҳои аёнӣ, дастуру пешниҳодҳо ба раванди роҳандозии низоми фосилавӣ омили беҳтарин хоҳад шуд.

Автореферати диссертатсияи унвонҷӯ З.З.Зиёвиддинзода нишон дод, ки дар баробари дастовардҳо дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла:

1. Дар қисмати Хулосаҳои умумӣ мебоист андешаҳои муаллифи рисола оид ба сифати таълим дар заминаи таҳсилоти фосилавӣ баён мешуд, зеро андешаҳо оид ба пойдории ин шакли ҷадиди таҳсил гуногун ва пурихтилофанд.

2. Дар матни автореферат баъзе хатоҳои имловӣ, грамматикӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешаванд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддинро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Муаллиф таҳқиқи масъалаи гузошташударо дар робита бо асосҳои бунёдӣ ва методологӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст. Зиёда аз ин, унвонҷӯ ба ҳайси омӯзгори фанҳои табиӣ-риёзӣ аз соли 2012 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент фаъолият намуда, усулҳои пешқадам ва инноватсиониро дар ҷараёни дарсҳои табиӣ-риёзӣ дар таҳсилоти фосилавӣ татбиқ намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои илмиву методӣ, ҷаласаҳои кафедраи фанҳои математика ва информатикаи донишкадаи омӯзгорӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор додааст.

Боиси қаноатмандист, ки натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шуданд, ироа ва тасвиб гардидаанд.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои педагогӣ,
сармутахассиси шуъбаи педагогика ва
таҳсилоти муосири Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон,
профессор **Негматов Садуллоҷон Эргашевич**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Адҳамов, 11/ 2.
**Телефон:** (+992) 918 50 63 18
**E-mail:** snegmasi @ rambler. ru

Имзои профессор С.Э.Негматовро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои АТТ М.Саидова